«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
_____ Сафарзода М.В.
«___» _____ соли 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсия ва автореферати Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи «Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.4. Назарияи ва методикаи таълими адабиёти тоҷик

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи «Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз самтҳои муҳими илми педагогика ва методикаи таълими адабиёти тоҷик бахшида шуда, аз ҷиҳати мақсад, вазифа, объект, предмет, муҳтаво, навгонӣ ва натиҷаҳои илмӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.3.5.4-Назария ва методикаи таълими адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Тараққиёти ҳар кишвар ба пешрафти босуръати илму техника ба технологияи пешқадаму усулҳои инноватсионӣ ва ҳамзамон ба сатҳу сифати таҳсилот сахт вобаста мебошад. Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогикка – методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар бар мегирад. Мусаллам аст, ки беҳтар ба роҳ мондани сатҳу сифати таълим ва арзёбии сифати таҳсилот ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Тадбири зерин дар таъмин ва пешрафти соҳаи илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ пазируфта шуда, ҷустуҷӯи имконияти сифатан баланд бардоштани раванди омӯзиши фанҳои мактабӣ, аз ҷумла, забон ва адабиёти тоҷик яке аз масъалаҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад. Дар ин росто,

яке аз тадбирҳои басо муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим ва арзёбии сифати таҳсилот мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 (қарори Ҳукумти Ҷумҳури Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526) ба рушди малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ)-и шогирдони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва арзёбии сифати таҳсилот диққати калон дода шудааст.

Дар асоси ин, интихоби мавзуи диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода муҳим ва асоснок мебошад. Дар диссертатсия методҳои муосири арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон, роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот, бахусус таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант дуруст таъкид намудааст, ки тест ва ё санҷиши тестӣ маҷмуи метод ва раванди бамеъёр-даровардашуда (стандартишуда)-ест, ки барои арзёбии дастовардҳои имтиҳонсупор пешбинӣ гардидаааст.

Методҳои анъанавии арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳо, ки ҳоло дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон истифода мешаванд, ба талаботи меъёрҳои арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ҷавобгӯ нестанд. Усулҳои анъанавӣ имкон намедиҳанд, ки дар бораи дастовардҳои имтиҳонсупорандагон маълумоти дақиқ ба даст орем.

Тест ҳамчун усули босифаттарини арзёбӣ, воқеиятро бо роҳи стандартикунонии раванди гузаронидани тест ва санҷиши натиҷаҳои саволу масъалаҳо ва тестҳо дар маҷмуъ ифода менамояд. Боэътимодии усули тестгузаронӣ дар он зоҳир мегардад, ки дониш ва малакаю маҳорати имтҳонсупорандагон дар шароити баробар–ҳам дар вақти санҷиш ва ҳам дар вақти баҳогузорӣ, арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа омили инсонӣ–субъективизми имтиҳонгир аз байн меравад. Бинобар ин, имрӯз дар бештари кишварҳои ҷаҳон санҷиши тестӣ ҳамчун усули боэътимоди арзёбии дастовардҳои таълимӣ эътироф гардидааст.

Абзори санҷиши тестӣ тест аст. Тесте, ки босифат таҳия шудааст, дар бораи дастовардҳои таълимии хонандагон ва ё имтиҳонсупорандагон маълумоти дақиқ пешниҳод менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии тести педагогӣ, марҳалаҳои таҳияи тест, таҳлили саволу масъалаҳо ва дар ин замина низоми арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон (довталабон) хеле муҳим аст.

Муаллиф бо нишон додани якчанд омили ба сифати таҳсилот, раванди арзёбӣ ва натиҷаҳои он таъсиррасон, инчунин, норасоиҳо, ихтилофҳо дар баҳогузорӣ ҳангоми санҷиши дониш ва малакаю маҳоратҳои хонандагон ҷорӣ намудани низоми нави имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии

таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТТМОК)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси принсипҳои адолату шаффофӣ ва дастрасии баробар сурат мегирад ва низ дар заминаи тестгузаронӣ татбиқ меёбад ва дар он тест ҳамчун абзори илман асоснок ва боэътимоду одилонаи арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон ба ҳисоб меравад, саривақтӣ дониста, предмети таҳқиқот қарор гирифтани ин масъалаҳоро асоснок кардааст.

Мубрамӣ ва аҳаммияти илмӣ ва назариявию амалии таҳқиқоти Азимов Ҷамшед Аслиддинзода боз дар он зоҳир мешавад, ки масъалаҳои зикршуда, истифодаи технологияҳои нав дар арзёбии дастоварҳои таълимии донишомӯзон, ки то имрӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд, пурра ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд.

Дараҷаи асоснокии таҳлилҳо, хулоса ва пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Таҳлилҳо ва хулосаҳои муҳаққиқ дар заминаи омӯзиши адабиёти илмию методӣ, педагогӣ, дидактикӣ ва равоншиносӣ, таҷрибаҳои амалӣ асоснок шудаанд. Масъалаҳои ташаккули санҷишҳои тестӣ, раванди таҳия ва таҳлили тестҳои педагогӣ, истифодаи тестҳои стандартишуда дар арзёбиҳои дастовардҳои таълимии донишомӯзон, рушди технологияи тестӣ–педагогӣ дар Тоҷикистон бо таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷиксистон (ММТНПҶТ), таҳия ва истифодаи тестҳои стандартишуда аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси назария ва таҷрибаҳои мавҷудаи илмию амалӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД), дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ), мушкилот дар таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик, истифодаи методологияи шарҳӣ-аёнии ба дониш асосёфта дар низоми таълими анъанавӣ, омилҳои ба сифати таҳсилот, бахусус таълими забон ва адабиёти тоҷик, таъсиррасон аз нуқтаи назари илмӣ ва методӣ ҳамаҷониба баррасӣ гардидааст, мавриди таҳқиқоти ҳаматарафаи илмию амалӣ қарор нагирифтанд.

Дар диссертатсия бо истифода аз методҳои муосир ва самараноки арзёбии дастовардҳои таълимӣ дараҷаи воқеии дониш ва салоҳиятҳои довталабон–хатмкардагони МТМУ муайян гардида, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии тест, ҳамчун падидаи нав, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода намудани мутахассисони касбӣ барои қонеъ намудани талаботи бозори меҳнат дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ, истифода намудани усулҳои гуногуни таълим, аз ҷумла усулҳои муҳимме чун «Кори гурӯҳӣ», «Кори дунафарӣ», «Арзёбӣ», «Ба худ баҳо додан», «Индуктивӣ ва дедуктивӣ», «Ангезиши зеҳн», «Худро месанҷем», «Инсерт», «Диаграммаи Венн», «Хониши ботаваққуф», «Кластер», «Проблемма – Амал – Натиҷа», «Чӣ тавр?», «Барои

чӣ?», «Т-нақша», «Чархи андешаҳо» ва ғайраҳо дарсҳои адабиёти тоҷик бо хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

Хулосаҳои илмии диссертатсия аз натиҷаи таҳлили бобҳо ва натиҷаҳои бадастомада бармеоянд ва бо вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда робитаи мантиқӣ доранд.

Навгониҳои илми таҳқиқот ва ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада. Диссертант дар раванди таҳқиқот асосҳои педагогӣ ва психологии ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо истифодаи методҳои тестии арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон ба даст омадааст, таҳлил карда, вобаста ба ин чунин навгониҳоро қайд мекунад, бори аввал дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст:

–саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик барои истифода дар ИМД дар асоси мушаххасот (матритса)-и илман асоснок таҳия гардид;

–сифати саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси назарияи классикии тестҳо таҳлил ва коршоямии онҳо муайян карда шуд;

–аз рӯйи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии амалкунанда маҷмуи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти точик барои хонандагони МТМУ ва довталабоне, ки ба ИМД тайёрӣ мебинанд, таҳия гардид;

–дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон дар ИМД аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба воситаи абзори дақиқ ва боэътимоди илмӣ ва аз рӯйи методикаи нав арзёбӣ ва натиҷагирӣ карда шуд.

Саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия бо далелҳои мушаххас ва раднопазир асоснок карда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявӣ ва амлалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия масъалаҳои зерин аз нуқтаи назари арзёбиҳои педагогӣ ва методикаи таълими адабиёти тоҷик асоснок карда шудаанд:

– дар раванди таҳқиқот мафҳумҳои мушаххаси «тестҳои педагогӣ», «матристаи тест», «таҳлили оморию психометрии тест» ва «арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон» муайян карда шуд;

– асосҳои назариявии санҷиши тестӣ ва таҳлили оморию психометрии саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик дар асоси назарияи классикии тестҳо таҳия гардиданд, ки ба маводди психологӣ ва педагогӣ такя мекунад;

– натиҷаҳои таҳқиқ барои таҳияи саволу масъалаҳои тестӣ ба талабот ҷавобгӯ замима фароҳам меоварад;

– методикаи нави арзёбии пешниҳодгардида ва натиҷаҳои таҳқиқ дар рушди санҷишҳои тестии объективӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ташаккули низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад;

– натиҷаҳои таҳқиқ бо мақсади омода намудани хонандагон барои супоридани ИМД ба МТТМОК дар МТМУ мавриди истифода қарор мегирад;

– натиҷаҳои таҳқиқ барои беҳтар гардидани таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ ва баланд шудани сифати таҳсилот ёрӣ мерасонад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот боз дар он зоҳир мегардад, ки он методҳои назариявӣ ва амалиеро дар бар мегирад, ки ба объект ва предмети кор мувофиқанд, аз ҷумла:

–таҳқиқи тестгузаронии педагогӣ, таҷрибаҳои озмоишӣ-муқараркунанда, ҷустуҷӯию пилотӣ, мушоҳидаҳои илмӣ, баҳодиҳии ташхисгарон, гузаронидани имтиҳонҳои тестӣ, таҳлили пурраи тест, таҳлили муқоисавии хусусиятҳои санҷиши тестӣ;

–коркарди таҷрибаи педагогӣ, таҳияи марҳала ба марҳалаи тест;

–ташхис ва коркарди оморию психометрии саволу масъалаҳои тест дар асоси назарияи классикии тест ва таҳлили маълумоти бадастомада бо ёрии технологияи нав.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби дурусти методҳои илмӣ, мувофиқати онҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ҳаҷмии кофии мавод, иштироки гурӯҳҳои васеи довталабон, таҳлили муқоисавии натиҷаҳо таъмин гардидааст. Корҳои озмоишию таҷрибавӣ дар МТМУ, литсейу гимназияҳои шаҳру ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ анҷом дода шудаанд.

Аз таҳлили диссертатсия бармеояд, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси иштироки 60 288 нафар довталаб дар ИМД, аз ҷумла 10 951 нафар дар соли 2016-ум, 17 744 нафар дар соли 2017-ум, 14 685 нафар дар соли 2018-ум ва 16 908 нафар дар соли 2019-ум ва таҳлили пойгоҳи додаҳои ММТНПҶТ барои солҳои 2014-2019 ба даст омадааст.

Иштироки ин миқдор довталаб дар ИМД ва таҳлили натиҷаҳои нишондодаи онҳо имкон медиҳад, ки дараҷаи воқеии донишҳои фаннӣ ва қобилияти амалии довталабон – хатмкардагони МТМУ-и ҷумҳурӣ муайян карда шавад. Инчунин истифодаи абзори дақиқ ва илман асоснок – тестҳои стандартишуда аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар арзёбии дониш ва салоҳиятҳои довталабон эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ. Саҳми шахсии Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар таҳқиқот назаррас мебошад. Диссертант мавзуъро мустақилона баррасӣ намуда, мубрамии онро асоснок карда, адабиёти илмию педагогӣ ва методиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намудааст. Объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои

таҳқиқотро муайян карда, методҳои нави арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон, дуруст ба роҳ мондани таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ва бо ин роҳ баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии кишварро пешниҳод намудааст.

Дар асоси таҳлили адабиёти илмию методӣ ва барномаҳои таълим довталаби дараҷаи илмӣ шахсан матритсаи мушаххасоти тести забон ва адабиёти тоҷик ва дар ҳамкорӣ бо мутахассисони ММТНПҶТ «Барномаи имтиҳон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик»-ро, ки бо қарори мушовараи ВМИ ҶТ аз 30.12.2015, № 31/30 тасдиқ шудааст, таҳия намудааст. Дар асоси матритсаи мушаххасоти тест ва барномаи имтиҳон саволу масъалаҳои тест барои арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабони дар ИМД иштирокнамуда омода карда шуданд ва кори довталабон аз рӯйи меъёри ягонаи баҳогузорӣ арзёбӣ гардид. Аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ бори аввал дар ҷумҳурӣ бо истифода аз методикаи нави арзёбӣ таҳлили натиҷаҳои дастовардҳои таълимии довталабон гузаронида, дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон муайян карда шудааст.

Диссертант аз соли 2008 ин ҷониб дар таҳияи саволу масъалаҳои тест аз забони тоҷикӣ барои арзёбиҳои сатҳи миллӣ (солҳои 2008 ва 2022), таҳия, такмил ва таҳрири тестҳои забон ва адабиёти тоҷик барои ИМД, таҳияи дастури иттилоотию методии «Роҳнамои довталаб» бевосита ширкат дошта, дар маҷмуъ 23 дастуру мақолаҳои илмию методиро, бо шумули маводи конференсияҳо, фишурдаҳо, маърузаҳо ба нашр расонидааст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои илмии диссертатсия дар 5 мақолаи илмию методӣ ва 13 дастури методӣ инъикос ёфтаанд. Аз рӯйи мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА)- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 11 зербоб, 3 хулоса, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёти иситифодашуда (206 номгӯй), рӯйхати интишороти муаллиф ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 192 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 45 расм, 30 ҷадвал ва 3 замимаро дар бар мегирад.

Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, мувофиқ буда, бобҳо аз ҷиҳати мазмун бо ҳам робитаи мантиқӣ доранд.

Муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот. Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, ҳадаф, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муайян ва асосҳои назариявию методологии таҳқиқот

пешниҳод карда шуданд, доир ба навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳеҳӣ ва асонокии натиҷаҳои таҳқиқот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ ва сохтори кор маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии тестҳои педагогӣ» ном дошта, он аз 4 фасл иборат аст. Масъалаҳои ҷанбаҳои педагогию психологии тести педагогӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккули тестология, мақсад ва вазифаҳои он, пажӯҳишҳои олимони хориҷию ватанӣ дар ин соҳа, меъёрҳои асосии таҳияи тест ва воситаҳои арзёбии он, таснифоти масъалаҳои тест мавриди баррасӣ карор гирифтааст.

Дар боби мазкур доир ба масъалаҳои таҳлили психологӣ ва математикӣ-омории тестҳо, таҳияи абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ, ки дар корҳои илмии олимон Л.Н. Акимова, В.С. Аванесов, Р. Ингенкам, Л. Крокер, Ҷ. Алгина, В.И Звонников, М.Б. Челишкова, Е.Ю. Карданова, А.Н. Майоров ва дигарон дида мешавад, баррасӣ гардида, дар ҳамин асос ҷанбаҳои педагогию психологӣ ва вазифаҳои тести педагогӣ, аҳаммият ва бартариҳои методи санҷиши тестӣ ва дигар усулҳои санҷиш, татбиқи амалии онҳо дар соҳаи таҳсилот дар шароити Ҷумхурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Технологияи таҳия ва таҳлили абзори дастовардҳои таълимии довталабон» ном дорад, масъалаҳои раванди таҳияи абзорҳои арзёбӣ дар ИМД навъ, шаклҳо ва меъёри холгузории тестҳои забон ва адабиёти тоҷик баррасӣ гардида, доир ба сифати тестҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар ИМД-и солҳои 2016-2019 истифода шудаанд, маълумоти муфассал дода шудааст.

Дар боби мазкур, инчунин, масъалаҳои тартиб ва раванди бисёрзинаи таҳияи абзорҳои арзёбӣ, ки дар ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фасли дуюми ин боб дар бораи навъ, шаклҳои саволу масъалаҳои тест ва меъёри холгузорӣ миқдорӣ саволу масъала ва шумораи имконпазири бештари- ни холхо (ШИБХ), тақсимбандии саволу масъалаҳо аз рӯйи фоиз дар тести забон ва адабиёти тоҷик маълумот дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фаннҳои забон ва адабиёти тоҷик» ном дошта, чор фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб натиҷаҳои умумии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик бо далелҳои мушаххас таҳлил шудаанд. Инчунин, таҳлили муқоисавӣ –рейтингии натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ: шумораи довталабони дар имтиҳонҳо иштирокнамуда ва холи миёнаи бадастовардаи онҳо сурат гирифтааст.

Хулоса ва тавсияҳо. Хулосаҳои диссертатсия аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд. Муҳаққиқ дар 13 банд хулосаҳояшро пешниҳод карда, бо далелҳо исбот мекунад, ки тест (санҷиш ва имтиҳонҳои тестӣ) яке аз усулҳои аз назари технологӣ пешрафта, боэътимод ва объективонаи арзёбӣ ва назорати сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад. Истифодаи ин усули арзёбӣ дар ИМД нишон дод, ки дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик на он қадар баланд аст.

Мувофиқи шкалабандии балҳои имтиҳонӣ ва ҷадвалҳои баргардонии хол ба баҳои маъмулии панҷболлӣ қимати холи гузариш дар ИМД-и солҳои 2014-2019, ки аз 14,29% то 20,00%-и шумораи имконпазири бештарини холро ташкил медиҳад, ба баҳои «2» баробар аст. Ин ғайриқаноатбахш будани дараҷаи азхудкунии маводди таълим аз тарафи хатмкардагони МТМУ-ро нишон медиҳад. Тавсияҳои амалӣ ва методии пешниҳодшуда низ (дар 14 банд) ба натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, барои баланд бардоштани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагон ва беҳтар намудани сифати таҳсилот нигаронида шудаанд.

Мутобиқат ва ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода аз ҷиҳати сохтор, тарзи пешниҳоди натиҷаҳои илмӣ, мавҷудияти дастгоҳи илмии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати манбаъҳои истифодашуда ва интишороти илмии муаллиф, дар маҷмуъ, ба талаботи муқарраргардидаи корҳои диссертатсионӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия ҳамчун кори мустақили илмӣ таҳия шуда, масъалаи мушаххаси илмӣ-методиро ҳал менамояд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда. Муҳтавои корҳои илмии довталаб, самти таҳқиқоти диссертаттсионӣ, интишорот ва масъалаҳои таҳқиқнамуда ба ихтисоси 5.3.5.4. Назария ва методикаи таълими адабиёти тоҷик мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки диссертатсия дорои сохтори ягона ва низоми мантиқии таҳқиқ буда, масъалаҳои мавриди таҳқиқ аз назрия ба амалия пайдарпай инкишоф дода шудаанд. Диссертант ба таври объективӣ мушкилоти ҷойдошта дар таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар МТМУ-ро муайян карда, бо далелҳои асоснок роҳҳои ҳалли он, дуруст ба роҳ мондани таълими фанҳои зикршуда ва умуман баланд бардоштани сифаи таҳсилотро пешниҳод менамояд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Дар баробари дастовардҳои муҳими зикршуда, диссертатсияи мазкур аз камбудӣ ва норасоиҳо

холӣ нест ва зикри онҳо барои таҳлилу такмили таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Сарлавҳаи матни диссертатсионӣ аз 27 калима иборат аст, ки ин аз меъёр зиёд аст.

2. Дар тавсифи умуми таҳқиқот «Асросҳои метододологии таҳқиқот» қайд нашудааст.

3. Дар саҳифаҳои 21, 26, 28, 51, 52, 55, 56, 61, 72, 75 ва ғайра иқтибосҳо дар нохунак гирифта нашудааст

4. Баъди саҳифаи 66, саҳифаи 68 пешниҳод гардидааст ва саҳифаи 67 саҳифабандӣ нашудааст.

5. Тавре ки аз маълумоти омории (ҷадвали 24) бармеояд, аз 5929 нафар довталаб ба ин савол ҳамагӣ 27,53% дуруст ҷавоб доданд. (Варианти B-ро интихоб карданд), 15,25% -и довталабон варианти A, 25,11% варианти C ва 30,39% варианти D-ро ҳамчун ҷавоби дуруст интихоб карданд. 1,72% ба савол ҷавоб надоданд. Аммо дар ҷадвали 24 ба ҷойи 25,11% навишта шудааст 25,13%.

6. Мувофиқат накардани нишондиҳандаҳои расми 41 ба шарҳи он. Масалан дар расми 41 оварда шудааст, ки 881 баробар ба **8,1%** ба чор унсури саволу масъаларо (A, B, C ва D) дуруст муайян намудаанд. Лекин дар шарҳи он омадааст, аз 881 нафар (**5,44%**) мувофиқи чор унсури саволу масъала дуруст муайян намудаанд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ягон халал ва ё монеа ворид намесозанд.

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро фаро гирифта, мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамояд. Мақолаҳои илмии интишорнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ низ мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегирад.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи «Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.4. Назария ва методикаи таълими адабиёти тоҷик аз ҷиҳати мазмун, навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо, аҳаммияти назариявию амалӣ ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи

диссертатсия ҷавобгӯ аст. Бо назардошти гуфтаҳои боло муаллифи диссертатсия Азимов Ҷамшед Аслиддинзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.5.4. Назария ва методикаи таълими адабиёти тоҷик мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо ва кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳӣ Рӯдакӣ, ки довталаби дараҷаи илмӣ Азимов Ҷамшед Аслиддинзода иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо ва кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳӣ Рӯдакӣ ки 16 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «бетараф» – нест, «муқобил» – нест. (Қарори ҷаласаи васеи муштараки кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо ва кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳӣ Рӯдакӣ 16 октябри соли 2026, №3).

Раиси ҷаласаи васеи муштараки
кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи
таълими онҳо ва кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳӣ Рӯдакӣ
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Бозоров Х.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фанҳои
гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо Шералиева С.М.

Котиби ҷаласаи васеи муштараки кафедраи
фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо
ва кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳи ДДК
ба номи Абуабдуллоҳӣ Рӯдакӣ Ҷурахонзода Г.С.

Имзоҳои Бозоров Х., Шералиева С.М. ва Ҷурахонзода Г.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлати Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳӣ Рӯдакӣ Давлатзода М .А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Маълумот барои тамос: Сурога: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, кӯч. С. Сафаров 16; Тел. (+9928 33 22) 2-35-07 E-mail: info@kqu.tj